**ҚАРОРИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

оид ба таъин намудани комиссияи экспертӣ барои диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор дар мавзуи «Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)

аз 02 марти соли 2026 № 17/КЭ ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 мутобиқи банди 58 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295) қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор дар мавзуи «Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) барои экспертиза қабул карда шавад;

2. Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъсис дода шавад:
- Ҷамшедов Маҳмадназар, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент;
- Сафозода Абдумаҷид Карим, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент;
- Валиев Низомиддин Шаробиддинович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент.

3. Тибқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ комиссияи экспертӣ вазифадор карда шавад, ки дар муддати на дертар аз 25 рӯз ба шурои диссертатсионӣ хулосаи хаттии худро дар бораи мутобиқати мавзӯъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯи он ба Шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ, оид ба мукаммалии дарҷи маводи диссертатсионӣ дар корҳои чопшудаи довталаб, дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод намояд.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Шарофзода Ф.Р.**

**Котиби илмии Шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** **Исмоилов А.А.**